**Такриз**

ба автореферати диссертатсияи доктории Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи “Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Масъалаи беҳдошти сатҳу сифати таълим, ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон яке аз ҳадафҳои сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф маҳсуб ёфта, дар шумори мавзуоти муҳими илми педагогика низ қарор мегирад, ки ба таҳқиқи назарӣ ва татбиқи натиҷаҳои он дар низоми соҳа ниёз дорад.

Дар сурате мо ба ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон муваффақ хоҳем шуд, ки дар навбати аввал дастовардҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти дар ин ҷода бaанҷомрасидаро дар меҳвари амал қарор диҳем. Ҳарчанд заминаҳои назарии ин муаммои муҳими илмӣ дар таҳқиқоти баъзе аз донишмандони ватаниву хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, вале таҷрибаҳои амалӣ дар раванди таълим муқаррар кардаанд, ки ҳанӯз муаммо ва мушкилоти ниёзманд ба таҳқиқ дар ин ҷода зиёданд. Маҳз, мавҷудияти ҳамин гуна муаммоҳои муҳими илмӣ зарурати анҷоми таҳқиқоти онро дар доираи диссертатсияи доктории Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи “Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон” ба вуҷуд овардаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса ва номгӯйи адабиёт таркиб ёфта, дар он 20 ҷадвал, 5 диаграмма, 2 расм истифода шудаанд. Аз мутолеаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки диссертант зарурати таҳқиқи мавзуъро дар асоси вуҷуди муаммо ва мушкилоти соҳаи маориф муқаррар кардааст, ки аҳамияти амалии кори илмиро боз ҳам боло мебардорад.

Ҳарчанд то кунун дар таҳқиқоти донишмандони тоҷик, аз ҷумла Х. Буйдоқов, М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, У. Зубайдов, Ҷ. Шарифов, Н. Сангинов, С. Холназаров, Т. Зиёзода ва дигарон баъзе аз масъалаҳои марбут ба ин мавзуъ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд, аммо бар пояи дақиқ намудани чанд мушкилоти ҷойдошта дар соҳаи маориф, аз ҷумла камбуди омӯзгорони дараҷаи касбии баланд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дастрасии пурра надоштани муаллимон бо дастурҳои таълимӣ, ноустувории барномаҳои таълимӣ ва дар сатҳи матлуб қарор надоштани маҳорат ва малакаи омӯзгорон ва амсоли ин мубрамият ва муҳиммияти таҳқиқоти илмиро афзалият бахшидааст.

Нуктаҳои мазкурро диссертант дар заминаи гузаронидани таҷрибаҳои амалӣ дар макотиби таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру навоҳии Душанбе, Рӯдакӣ, Ҳисор дар се марҳилаи тадқиқот дақиқ кардааст, ки арзиш ва аҳамияти назариву амалии таҳқиқотро муқаррар менамояд.

Диссертант дар асоси тадқиқоти гузаронидаи хеш ба нашри 64 мавод муваффақ шудааст, ки аз он се адад монография, 4 воситаи таълимӣ ва дастури методӣ, 20 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ва 37 мақолаю маърӯза дар маҷмуаҳои маводи конференсияҳои илмӣ ва нашрияҳои мухталиф интишор ёфтааст.

Теъдоди зиёди маводу мақолаҳои илмии муаллиф дар навбати аввал саҳми шахсии ӯро дар таҳқиқи мавзуъ муайяну муқаррар намуда, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки диссертант дар ҳақиқат дар самти баррасии меҳварҳои илмии диссертатсия ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Афзун бар ин, мақола ва асарҳои илмии ӯ паҳнои таҳқиқот ва вусъати корномаҳои илмиашро муқаррар кардааст.

Навовариҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал аз ҷониби Носиров С.Ш. дар доираи ин таҳқиқот масъалаи роҳҳои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон дар заминаи муқаррарнамоии муаммо ва мушкилоти соҳаи маориф, таҷрибаандӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, барои расидан ба ҳадафҳои муҳим дар ин ҷода тавсияҳои судманди назарӣ ва амалӣ пешниҳод намудааст.

Таҷрибаҳои амалие, ки дар макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди азхудкунии донишҳо ва ташаккули маҳорату малакаҳо гузаронида шудаанд, барои расидан ба хулосаҳои дурусту саҳеҳи мантиқӣ имконият додаанд. Натиҷаҳои аз ин таҳқиқ ба дастомада, дар ҷадвалҳои махсус аз фанҳои таърих ва адабиёти тоҷик дар автореферат оварда шудаанд, ки истифодаи онҳо дар баробари таҳқиқи мавзуъ дар самтҳои муайян ҷиҳати анҷоми таҷрибаҳо баҳри омӯзгорон низ муфид мебошанд.

Дар хулосаи диссертатсия, ки дар 18 банд баён шудааст, муҳимтарин натиҷаҳо зикр гардиданд. Диссертант, аз ҷумла ба хулосаи дурусти илмӣ расидааст, ки кофӣ набудани донишҳои зарурии педагогию психологӣ, дидактикиву методии омӯзгорон омили аслии эҷоди монеаҳо дар таъмини босамари раванди таълим, бахусус азхудкунии дониш, ташаккули маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон мегардад. Аз ин нигоҳ, истифодаи натиҷаҳои аз ин тадқиқот ба амал омада дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ боис мешавад, ки дар оянда сифат ва самараи таълим боз ҳам рушд намуда, маҳорат ва малакаҳои хонандагон боз ҳам ташаккул ёбад.

Дар умум, диссертатсия ба таҳқиқи як мавзуи муҳим ва масъалаи мубрами соҳаи педагогика бахшида шуда, арзиш ва аҳамияти психологӣ ҳам дорад, зеро ташаккули маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ як раванди муҳими ин соҳа низ ба шумор меравад.

Дар баробари ин дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, аз ҷумла дар бахши "Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия" муаллиф аввал маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ва баъдан КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро зикр намудааст. Хуб мешуд, ки номҳои маҷаллаҳои ватанӣ дар аввал оварда шаванд. Зеро диссертатсия дар Тоҷикистон ба дифоъ меравад ва маҷаллаҳои тақризшаванда дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалият доранд.

Албатта, эроди мазкур хислати тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмии автореферати диссертатсия таъсире намегузорад.

Дар умум метавон ба хулосае расид, ки диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи "Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон" ҷавобгӯи муқаррароти Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи
забони олмонии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич

Имзои Х.Г. Сайфуллаевро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

"15" 05 2025

**Нишонӣ:** 734003. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+99237) 224-13-83;
сомона: www:tgpu.tj; E-mail: info@tgpu.tj